Сумангул

# НИГАҲИ ГАРМ

Душанбе
«Суханвар»
2013

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-35

Муҳаррир *Мирзо Кенҷа*

С-35 **Сумангул. Нигаҳи гарм** *(маҷмӯаи шеърҳо)*.
– Душанбе, “Суханвар”, 2013, 96 саҳ.

Сурудаҳои Сумангул ба ҳаводорони каломи бадеъ тавассути чанд маҷмӯаи пешинааш ошно ҳастанд. Инак, шоира маҷмӯаи тозаи ашъорашро мураттаб намуда ба хонандагон чун барги сабзе пешкаш менамояд. Шеърҳои Сумангул аз бардоштҳои талху ширини ӯ самимона ва хотирнишин рӯйи дафтар омадаанд.

ISBN 978-9947-23-49-2

© Сумангул, 2013

# ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Тоҷикистон, меҳанам, ҷони манӣ,
Мулки зебои гулафшони манӣ.
Чун Бадахшони ту ҳастам сарбаланд,
Эй Ватан, шаҳбайти дастони манӣ.

Ахтари иқбол дорӣ, кишварам,
Ҷашни Истиқлол дорӣ, кишварам.

Тоҷикистон, кишвари гулрези ман,
Мулки пурэъҷози шоирхези ман.
Эй макони мардуми бонангу ор,
Эй диёри мушку атромези ман.

Ахтари иқбол дорӣ, кишварам,
Ҷашни Истиқлол дорӣ, кишварам.

# ВАҲДАТИ МОРО НИГАҲ ДОР, ЭЙ ХУДО

Модарам ман, зиндагониофарин,
Сар шавад дунёи ман бо аллаҳо.
Алҳазар, аз он ки тифли ман шавад
Куштаи ҷанги адӯи кинахоҳ.

Рӯй орам ҳар замон сӯйи само:
Ваҳдати моро нигаҳ дор, эй Худо.

Ман намехоҳам, ки халқи кишварам
Боз гардад бенавою дар ба дар.
Ман намехоҳам, ки чун Наврӯзи ман
Тифлаке монад ятиму бепадар.

Рӯй орам ҳар замон сӯйи само:
Ваҳдати моро нигаҳ дор, эй Худо.

Одамӣ як бор меояд ба даҳр,
Пас чӣ лозим кинатӯзӣ, дӯстон?
Дӯстӣ варзед бо ҳам баъд аз ин,
Одамон, эй одамон, эй одамон.

Мекушоям ҳар замон дасти дуо:
Ваҳдати моро нигаҳ дор, эй Худо.

## МОДАР

Ту шабеҳи офтобӣ, ки ҷаҳон кунӣ мунаввар,
Бидарӣ сиёҳии шаб, на ҳавои кибр дар сар.

Туӣ он саҳоби баҳман, ки ҳаме сиришк борӣ
Ба азои зиндагонӣ ҳама дам ба дидаи тар.

Ту чу оташӣ, ки сӯзӣ ҳама тирагии олам,
Бифурӯзӣ қалби моро зи муҳаббатат саросар.

Ту ба хулқ чун заминӣ, чи бафайзу хоксорӣ,
Чу диёри арҷмандам ту бузург ҳастӣ, модар.

## ДУОИ МОДАР

Рӯ ба сӯйи қибла меорам ба ҳангоми намоз,
Саҷда меорам ба даргоҳи Худоям бо ниёз.
Ё Худоё, мардумонро бар муроди дил расон,
Ҳам ғарибони Ватанро бар Ватан боз ор, боз.

## ПАДАР

Ҳар саҳар бо пойи чӯбин меравӣ бар сӯйи кор,
Ҳаст бар дӯшат, падар, бори гарони рӯзгор.

Меравӣ бар сӯйи мактаб, назди шогирдони хеш,
То диҳӣ дарси адаб бар кӯдакони ин диёр.

Кӯдакон бошанд кафтарбаччаҳои навпаре,
Дӯст медоранд андарзи туро, эй пири кор.

Баски ҳастӣ дӯстдори касби ҷониат, падар,
Шуҳрати ту гашта андар байни мардум бешумор.

Ҳар гаҳе бинам туро якпой, хун гардад дилам,
Нафратам ояд ба фошистони чун сагҳои ҳор.

Ҳамчунин садҳо каси дигар, падарҷон, чун Шумо
Дар раҳи ҳифзи Ватан карданд ҷони худ нисор.

Лек носерони хун то ҳол месозанд саъй,
То ки аз нав тира созанд осмони беғубор.

Мо ҳама ҳамроҳатон бардошта дасти дуо,
Дар талош астем, то бошад амонӣ пойдор.

## ЁДИ КӮДАКӢ

Зулмат гирифт пайкари испеди рӯзро,
Аз деви шаб ба сӯйи ман, инак, назар фитод.
Буғзе гирифт роҳи ҳалқуми маро ба чанг,
Дилро ҳавои хонаи гарми падар фитод.

Дар олами хаёл кунам ёди кудакӣ,
Ёди баҳори рафтаи умри ба чанги бод.
Он даври пурфасонаи тифлӣ гузашту рафт,
Афканд зиндагӣ варо дар кӯчаҳои ёд.

Он олами азиз басе пурнишот буд,
Мо кӯдакон чу чӯҷаи навболу пар будем.
Як хона пур зи кӯдаки шӯху пурорзу,
Парвардагони боғи умеди падар будем.

Омӯзгор буд падари хушкаломи мо,
Модар фариштахислату бонуи хона буд.
Як олами муҳаббату ихлосу ростӣ,
Дунёи пурнишоти мо шеъру фасона буд.

Моро падар, ки аскари даврони ҷанг буд,
Тири адӯй пойи варо ланг карда буд.
Чун ҷоннисори роҳи ҳақиқат будӣ падар,
Баҳри дифои халқу Ватан ҷанг карда буд.

Акнун ба ҳукми сарнавишт аз хонаи падар
Рафтем сӯйи қисмати худ бо дили кашол.
Шаш духтарон бонуи ҳар хонаву дарем,
Овораем аз пайи рӯзиву рӯзгор.

Эй модари азиз, ки ҳастӣ ту мунтазир,
Фарзандҳои рафта ба ҳар сӯйи кишварат,
Бахшо, агар ки хидмате баҳрат накардаам,
Бахшо гуноҳу саҳву хатоҳои духтарат.

Оҳ, эй падар, ки панҷаи пирӣ намудааст
Он қомати расои туро зору нотавон,
Умри азиз сарфи накӯӣ намудаӣ,
Омӯзгори мактабу сарбози қаҳрамон.

Имшаб ба ёди олами зебои кӯдакӣ,
Як лаҳзае дар олами афсона зистам.
Мурғи хаёл рафт ба сӯйи самои дур,
Чун кӯдакон ба ҳоли дили худ гиристам.

## НИДОИ ҚАРНҲО

Нидои қарнҳо меояд имрӯз,
Чу мехонам китоби «Тоҷикон»-ро.
Ҳаме ҳар сатри он орад ба гӯшам
Суруди «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро.

Зиҳӣ, ин шеъри оламгири шоир,
Ки шаҳро бурд бар сӯйи Бухоро.
Сано бодо ба ҳаққи модаре, к-ӯ
Бидодӣ Рӯдакиро лафзи шево.

Бубинам гоҳ ки гардун чӣ гуна
Гадоро сохта соҳибкулоҳе,
Ки бар сисола ранҷи шоири вақт
Накарда ҳиммате, ними нигоҳе.

«Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,
Маро барниҳодӣ ба сар тоҷи зар.
Агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ».

Чу хонд ин ҳаҷвия Султони Маҳмуд,
Бидодӣ навкаронро амр ин сон:
– Биёбед инчунин як танзгӯро,
Бияндозед зери пойи филон!

Зи дасти шоҳ шоир дар ба дар шуд,
Зи ҷабри шоҳи хунхори замонаш.
Бале, аз зулми шоҳи бефаросат,
Ки кӯр аз ҷаҳл буди дидагонаш.

Дар он давре, ки буди шоҳ Маҳмуд,
Гурезон аз Бухоро гашт Сино.
Чашидӣ заҳри фақру ҳаҷру ғурбат,
Намуд эҷод «Қонун»-у «Шифо»-ро.

Нидои қарнҳо меояд аз дур,
Нидое аз замони мозӣ, аз дӯш.
Нидо аз миллати паҳну парешон,
Нидо аз тоҷикони хонабардӯш.

Нидое мерасад аз дурии дур,
Ки бо сунби саманди вақт ҷӯр аст.
Нидое мерасад, ки он ҳамоҳанг
Ба зарби набзи Бобоҷон Ғафур аст.

## БА ЁДИ УСТОД ЛОИҚ

Баҳори гулфишону нест Лоиқ,
Кӣ гӯяд шеърҳои ошиқона?
Варо, ки кушт дарду доғи миллат,
Кӣ гӯяд дигар аз дарди замона?

Биборад тир агар бар сӯйи миллат,
Гузар созад нахуст аз қалби шоир.
Гирифт ӯ бар дили худ тири душман,
Балогардони миллат гашт охир.

## НИШОН

Ҷовидонӣ нест умри одамӣ,
Тарк бояд кард рӯзе ин ҷаҳон.
Ончунон моро бибояд зистан,
То зи худ монем дар олам нишон.

Шоири мо – Лоиқи шеъру ғазал
Бармаҳал баст аз ҷаҳон рахти сафар.
Аз ғаму андӯҳи миллат хаста шуд,
Кард моро реҳлаташ хуни ҷигар.

Шеъри Лоиқ дошт таъми ангубин,
Накҳати гулҳои садранги баҳор.
Ҳамнавояш буд, ҳаққо, андалеб,
Ҷӯр будӣ бо навояш обшор.

Шеъри Лоиқ дошт парвози баланд,
Тири ӯ мехӯрд доим бар нишон.
Ошиқона, орифона шеъри ӯ
Мешикастӣ ташнагии ташнагон.

Тарк бояд кард рӯзе зиндагӣ,
Тарк бояд гуфт рӯзе ин ҷаҳон.
Баски андар марзи дилҳо Шеър кишт,
Лоиқи мо ёфт умри ҷовидон.

## БИРЕЗ, БОРОН

Баҳорон асту ман дар зери борон
Ситода сархаму хотирпарешон.
Бирафта бахти ноёбам зи дастам,
Бигиряд ҳамраҳи ман абри найсон.

Бирез, абро, ба мӯю рӯю гардан,
Бишӯ ин ашки чашмони тарамро,
Ки номарде дилам бишкасту бигрехт,
Вале мардонаам зидди аламҳо.

Бирез, абро, ба рӯйи лолаҳо рез,
Ки дорад лола ҳам доғу ҷароҳат.
Бишав селу бибар он бевафоро,
Ки бар дил ӯ раво дида хиёнат.

Бирез, абро, ки гулҳо ташнаи зор
Ба оби поки борони баҳоранд.
Чу чашмони ба раҳ чори Сумангул
Ҳамеша интизору интизоранд…

## АЁ ЭЙ МИСРАИ НОГУФТАИ МАН

Савори шаҳпари аспи хаёлӣ,
Хаёлан то куҷоҳо сайр дорӣ?
Ба ёди мисраи нав шомгоҳон
Ба сӯйи кишвари дил майл дорӣ.

Хаёлан сайри гулҳо мекунӣ ту,
Чӣ гум кардӣ ту дар гулзор имшаб?
Бибофӣ дар гулистони хаёлат
Ба кӣ шаҳмисраи гулдор имшаб?

Аё эй мисраи ногуфтаи ман,
Ҳамехоҳам, ки бошӣ хубу зебо.
Мисоли хандаи тифлони навзод
Ҳамехоҳам, ки раҳ ҷӯйӣ ба дилҳо.

Ҳамехоҳам, кунам пироя аз ту
Ба васфи сабзаю гулзори меҳан.
Ҳамехоҳам бибахшӣ зебу зинат
Суруди ишқи новарзидаи ман.

Намехоҳам, ки кас дар зиндагонӣ
Бигардад, алҳазар, ночору раҳгум.
Ҳамехоҳам дилам чун қалби Данко
Фишонад равшанӣ дар роҳи мардум.

## БАРОИ ТИФЛАКОНИ ХУД ПАДАР БОШ

***Ба хоҳарам Зулфия***

Ҳама умри ту шуд дар интизорӣ,
Хаёли рӯйи ӯ амри муҳол аст.
Бишӯ дасту дилатро ту аз ин пас,
Ки ӯ мафтуни бонуи Шимол аст.

Назар дӯзад ба чашмони кабудаш,
Ба рӯйи барф-осо сап-сафедаш.
Намеояд, Худоё, бар хаёлаш,
Ки дорӣ зиндагонӣ бо умедаш.

Ай эй хоҳари маҳталъати ман,
Ки ҳастӣ интизори он сиёҳқош,
Намеояд, машав ту интизораш,
Барои тифлакони худ падар бош!

## ШОМИ БАҲОРӢ

Шомест баҳорию аҷаб зораму танҳо,
Сар монда ба болину дар оғӯши хаёлам.
Борони баҳорӣ бизанад бар дарам ангушт,
Дилгир ман аз нолаи пурсӯзи шамолам.

Эй ёр, дар ин шоми пурандӯҳ куҷоӣ,
То шабнами рухсори Суманро бикунӣ пок?
Рафтию ба худ нест дили меҳрпарастам,
Гардида маро дида ба монандаи афлок.

Ин шоми баҳорӣ, ки дарахтон ҳама сабзанд,
Рӯ шуста ҳаме тозаву тар аз нами борон,
Хоҳам, ки чу субҳе зи пайи шом биёӣ,
Чун шед, ки гардад зи паси кӯҳ намоён.

## ТИЛФОНИ ЁД

Эй ёри рафтаи зи назар дури дури дур,
Меҷӯямат зи бешаи анбӯҳи ёдҳо.
Пушти кадом кӯҳи баланде шудӣ ниҳон?
Бишнав садои гунги ман аз оҳи бодҳо.

Эй ёр, эй ки аз ситамат омадам ба ҷон,
То кай миёни зиндагӣ танҳо гузориям.
Домони сабр чанд бигирам ба панҷа сахт,
Боз о, ки рафт гулшани ҳусни баҳориям.

Дар кӯчаҳои ёди ту раҳҷӯйи зиндагӣ,
Осемасар ба дарду алам мезанам қадам.
Фарёди ман ба гӯши ту кай мебарад шамол,
Кай телефони ёди туро мезанам рақам?

## БОЗДИД

Дидамат аз дурҳо, эй дӯст, байни издиҳом,
Боз меҷӯйӣ, гумонам, ту мани девонаро.
Гарчи баста рахт айёми ҷавониҳои мо,
Боз мехоҳӣ, магар такрори он афсонаро.

Эй, ки зебоӣ ту дар чашмони ман мисли шаҳе,
Шом бо ёди ту дорам орзуҳои баланд.
Гарчи медонам чу наҷми осмон дурӣ, вале
Бо хаёлат зиндагӣ бошад барои ман писанд.

Хешро дар олами афсона мебинам, ки ту,
Шоҳи мулки орзуям, бо ман астӣ ҳамнафас.
Боз мехонам бароят шеърҳои содаам,
Дида медӯзам ба чашмони сиёҳат бо ҳавас.

Мекунӣ таҳрир, ҷоно, сатрҳои содаам,
Беҳтарин абёти шеъру зеби девонам туӣ.
Гар набудӣ, зиндагиям ҳеҷ маъние надошт,
Нозбардори дилу хуршеди давронам туӣ.

Дидамат аз дурҳо, эй дӯст, байни издиҳом,
Оҳ, медонам, ки меҷӯйӣ мани девонаро.
Зиндагӣ дар чашми ман бе рӯйи ту гар мотам аст,
Оҳ, метарсам, дигар такрори ин афсонаро.

Эй Худо, бахшо гуноҳи ин зани девонаро,
Зиндадаргӯр аст ӯ дар кулбаи вайронааш.
Мон, ки ӯ ҳам орзу созад ба ёди зиндае,
В-арна, мемирад Суман бе олами афсонааш.

## ҚАДРИ ШОИР

Дар ҳама давру замона
Шоирон бас хор буданд.
Шоирони ростгӯву софдил
Муфлису нодор буданд.

Дар ҳама давру замона
Нонашон олуда бо хуни ҷигар буд.
Чун Ҳилолӣ санг меборид бар саршон ҳамеша,
Ҷамъи онҳо Шайх Саъдисон асиру дар ба дар буд.

Дар ҳама давру замона
Шоири маддоҳ буд бологузар.
Шоири ҳақҷӯ ба чашми анҷуман
Менамудӣ хори тар.

Дар ҳама давру замона
Гарчи нодор аст шоир,
Шеър бар лаб, ишқ дар дил,
Ошиқи зор аст шоир.

Қадри шоирро бидонандӣ пас аз маргаш,
Даме ки мекунад бо ин ҷаҳони дард падруд.
Оҳ, эй мардум, ба қадри ӯ расем имрӯз бояд,
Баъди марг аз нолаю шеван чӣ суд?

## КОШ

Кош борони баҳорӣ будам,
Мечакидам зи само бар сари ту.
Мегирифтам ба бари танги ҳавас,
Бехабар пайкари сабзу тари ту.

Кош дар рӯзи баҳорӣ ба раҳат
Лолаи яккаи зебо будам.
Хам шавӣ, даст барӣ ҷониби ман,
Куштаи гарми нафасҳо будам.

Кош созе шудаме, то бизанӣ,
Панҷа бар тори ғамэъҷози дилам.
Ба садои дили ман ҷӯр шавӣ,
Маст гардӣ ту зи овози дилам.

Кош ёди мани савозадае
Ба сарат сояи ғам меандохт.
Кош Шабдизи хаёлат зи паям,
Хусравам, ҷониби Ширин метохт.

## ЭЙ ШЕЪРИ МАН

Он лаҳзаҳо, ки дар сари пуршӯри одамӣ
Пар мезанад кабӯтари ёди ту бо ҳавас,
Эй дил, ҳамешавӣ ту зи ишқаш чунон адо,
Эй шеър мерасӣ ту ба фарёди қалби кас.
Эй шеърҳои ман,
Эй нолаҳои зор,
Эй ашкҳои шӯр зи чашмони интизор!

Он лаҳзаҳо, ки лашкари ғам панҷа мезанад
Бар синаи зи дарду алам орию тиҳӣ,
Эй шеър, эй фариштаи афлокии банур,
Пешам ту боз пар занӣ аз баҳри дилдиҳӣ.
Эй шеърҳои ман,
Эй сояҳои ғам,
Эй арзҳои ин дили бекину содаам!

## АНДӮҲ

Умри ман рӯзе ба поён мерасад,
Баъди ман ҳам мебарояд офтоб.
Шомҳо бар сар фурӯзон мешаванд
Дар фалак истораҳои беҳисоб.

Ахтари ман лек нопайдо шавад,
Ахтари ман мефитад андар замин.
Ҷойи он боз ахтаре пайдо шавад,
Тифлаке ояд ба дунёи навин.

Оҳ, он дам ҷойи ман холӣ шавад,
Дар миёни ҷумла ёру дӯстон.
Кӣ дар он дам, оҳ, ёди ман кунад
Чун гуле, ки чида шуд аз бӯстон?

Ёри ман, шояд дар он дам баъди ман,
Ту ҳавои ёри дигар мекунӣ.
Баски ҳастӣ марди шӯху булҳавас,
Зиндагии хеш аз сар мекунӣ?

Эй рақиби ман, ки ту дорӣ талаб
Аз Худо он лаҳзаи марги маро,
Рӯзи маргам бар сарат гул мезанӣ,
Марги ту ҳам мерасад рӯзе фаро.

Эй Худоям, аз гуноҳам даргузар,
Дур бинмо ғуссаи марг аз сарам.
Зиндагиро дӯст медорам, вале,
Оҳ, рӯзе марг мекӯбад дарам.

## МИЁНИ ХИЛВАТИ ШАБҲО

Миёни хилвати шабҳо
Ману парвона бедорем.
Ман аз дарди фироқи ёр месӯзам,
Ману парвона бар дарду алам имшаб гирифторем.

Чӣ дунёе, ки одам сарнавишти худ намедонад,
Тасаллӣ медиҳад худро чу кӯдак бо фиреби қанд.
Вале чун мезанад ӯ раҳгуму дигар худашро
дарнамеёбад,
Чӣ бемаънист ин олам ба чашми одамӣ чун фанд.

Чӣ мегӯйӣ ту, эй зан, ин шаби торики танҳоӣ,
Ки фарёди ниҳони ту, ба гӯши кар азон бошад.
Магар донанд бедардон, ки қалби зору танҳоят
Зи марги ёри дилҷӯат ғамию хунчакон бошад?

Худовандо, касеро ҳамсадои дил намебинам,
Ки то дилро кушоям пеши ӯ баҳри тасаллое.
Чӣ нолонӣ, Суман, беҳуда меҷӯйӣ шарики ғам,
Надорад ҳеҷ кас аз дарду ғамҳои ту парвое.

## ЯК НАЗАРЕ

Эй ки бо ёди ту дорам ҳаваси умри абад,
Эй ки бо ёди ту созам шаби худро саҳарӣ,
Ҳама ҳайрони дили волою шайдои мананд,
Ту вале аз ҳама асрори дилам бехабарӣ.

Эй ки дар олами афсонаи дил шоҳи манӣ,
Худ куҷо шоҳ кунад сӯйи гадоён назаре.
Мон, ки аз баҳри ту умре чу муаммо бошад,
Эй ки дар аспи заринёл чу боде гузарӣ.

Эй ки Яздон ба дилам меҳри туро ҷо карда,
Ту вале сӯхтаю волаи ишқи дигарӣ.
Эй ки танҳо зи ҷаҳон мегузарам бо ёдат,
Кай кунӣ ҷониби савдозадаи худ назаре?

# ФАСЛИ ХАЗОН

Имрӯз ҳаво абрию пурбуғзу малол аст,
Бар мазраи хушҳосили дил хавфи завол аст.
Олам, ки шуда зард чу рухсораи бемор,
Пойиз расид инаку сардии шамол аст.

Ин фасл, ки зард аст ҳама олами рангин,
Резон шуда аз шоха, бубин, барги дарахтон.
Бар ҷониби гармо ҳамагӣ роҳ бигиранд
Мурғони ҳаво аз нафаси сарди зимистон.

Эй ҳамнафаси ман, ту дигар боз наойӣ,
Аз кишвари сармо ту пайи гармии дидор.
Дидори туам, ёр, дигар нест муяссар,
Зарданд рухони Суманат мисли гули хор.

## ТИРАМОҲ

Табиат ҳамчу як наққоши моҳир,
Бубин, бар уфқ хатти зар кашида.
Ҳама ғарқ аст бо тасвири пойиз,
Зи абр андар само чодар кашида.

Чӣ сон ин баргҳо зарданду резон,
Гурезон аз ниҳеби боди сарҳуй.
Ва абри тира пӯшида фалакро,
Зи ашки ӯ, нигар, пур мешавад ҷӯй.

Кунун хуршед бимуда рухашро
Паси абри сиёҳе боз пинҳон.
Гурезам боз сӯйи хонаи худ,
Ки борон асту борон асту борон.

## ХОҲИШ

Бихоҳам боз, то аз нав бихонӣ
Ба гӯшам ояти ишқу вафоро.
Ки бехуд гардаму бар худ наоям,
Ки нашносам дигар шоҳу гадоро.

Бихоҳам боз ойӣ, дӯстдорам,
Гузорам сар ба рӯйи синаи ту.
Шавӣ пушту паноҳам,такягоҳам,
Шавам ман дилбари деринаи ту.

Бихоҳам боз қаҳру ноз созам,
Ту бардорӣ, азизи дил, ҷафоям.
Ба гӯшат қиссаҳо хонам ман аз ишқ,
Бибахшӣ пурҳарорат бӯсаҳоям.

Бихоҳам… Оҳ, эй зан, ҳарза бас кун,
Ки чашми бад расад бар хонаи ту.
Намеояд, дигар қаҳрист, қаҳрӣ,
Дигар охир бишуд афсонаи ту.

## ДИГАР ТАРОНА МАГӮ

Дигар тарона магӯ, эй зани таку танҳо,
Гузор нуқта ба рӯйи ҳама таронаи дил.
Ки рӯйи дафтари умрат сиёҳ кард қазо,
Бимурд ишқу ҳавас, савти ошиқонаи дил.

Дигар азизи дилат – дар канори хоки сиёҳ,
Дигар нишони варо аз навор меҷӯйӣ.
Садои ҳарфи варо сабт карда андар гӯш,
Варо зи гӯшаю кунҷи мазор меҷӯйӣ.

Дигар тарона магӯ,
Ки даҳр дар назарам, ростӣ, ки лолу кар аст.
Садои нолаву навҳа расад басе дилгир,
Ба гӯши он, ки зи сӯзи фироқ бехабар аст.

Дигар тарона магӯ,
Ки баъди ӯ ҳама олам фано шуд, охир шуд.
Хазон гирифт дигар чеҳраи Суман, ҳайфо,
Таронаҳош, дареғо, ки бори хотир шуд.

## ҚАЛАМ

Қалам – ифшогари рози дили ман,
Бирезам рӯйи коғаз ғуссаҳоям.
Бигирям дар дили торики шабҳо,
Бигардӣ, эй қалам, ту мутакоям.

Диламро мефишорад чун аноре,
Ғаму андӯҳи дарди бедавоям.
Гаҳе аз хеш мегардам фирорӣ,
Намедонам киям ман, аз куҷоям.

Қалам, эй ҳамдили шабҳои торам,
Сияҳ будаст тақдири қаламдаст.
Гаҳе, ки номаи бахтам навиштанд,
Қалам аз талхии тақдир бишкаст.

## ЭЙ ДИЛ

Кучо ёбам давою чораат, дил,
Ба фарёдам намоям зораат, дил.
Чӣ гӯям, дилнавозат зери хок аст,
Бимирам бар дили бечораат, дил.

Занам худро ба ҳар як кӯю манзил,
Ки бикшоям гиреҳи бандат, эй дил.
Вале олам, ки бошад ин қадар танг,
Чи сон, охир, кунам хурсандат, эй дил.

Бикобам доруи таскинат, эй дил,
Намебинам дигар тамкинат, эй дил.
Шудӣ девонаю саргашта охир,
Намеёбӣ ҳамдами деринат, эй дил.

# ХОНАИ ВАЙРОН

Ту будӣ, хонаи одӣ ба чашмам буд қасри шоҳ,
Агарчи буд бетаъмир, чун хуршед равшан буд.
Чи дунёи фиребову пур аз афсонае буд, оҳ,
Маро он лаҳзаҳо сабзу шукуфо мисли гулшан буд.

Надонистам ки умрат ин қадар ҳам кӯтаҳ аст, эй ёр,
Надонистам, ба зудӣ мешавӣ аз дида нопайдо.
Надонистам, ки рӯйи бахти моро абри ғам гирад,
Фақат ман монаму ашку ғиреву оҳ.

Кунун ин хонаро ҳарчанд ки таъмир бинмуданд,
Вале он бе ту дар чашмам ба монанди биёбон аст.
Агарчи хонаро таъмир бинмуданд,
Валекин хонаи дил сарду вайрон аст.

Даруни дил, азизонам, ҳаво пурабру борон аст,
Ва ях баста тамоми зиндагии ман,
Зимистону зимистону зимистон аст.

## РОЗ ГӮЯМ БО ҚАЛАМ

Шукр гӯям зиндагиро,
Гарчи ҳаргиз бар муроди дил набуд,
Гоҳ чун модар сарамро сила кард,
Гоҳ шуд моиндарам.

Ин замон дар кӯчаҳои зиндагӣ
Пой мемонам ба сад дарду алам.
Дилнавозе ғайри шеърам нест, нест,
Роз гӯям бо қалам.

Мо ҳама дар саҳнаи ин зиндагӣ
Мисли як нақшофарин
Нақш мебозем рӯйи саҳнаи пурдарду ғам,
Бехабар аз он, ки андар роҳи фардо
Чист моро дар камин.

Хешро ҳар сӯ зада
Баҳри сарват, баҳри шуҳрат, баҳри мол,
Роҳ мебандем гоҳ
Баҳри як бечорае ки эҳтимол,
Аз барои луқмаи ноне бувад овора аз субҳ
То дили шоми сиёҳ.

Тоқати бишнидани дарди гадоеро надорем,
Чунки дурем аз Худо.
Мо намедонем, ки ин зиндагонӣ
Имтиҳоне ҳаст назди Ҳақтаоло.

Лек мо кӯрона месозем, ҳошо, поймолаш,
Мекушем андар дилаш уммедро.
Ханда месозем бар рӯзаш, ба ҳолаш,
Баски ин дам дар ниҳоди мост ҳукми
Аҳриман.

Чунки шайтон
Бар сари мо хоҷа аст.
Мекунад васвос моро,
Чунки мо дар тавсани ҷаҳлу такаббур
шаҳсаворем.
Дар диёри айшу мастиву ғурур шаҳриёрем.

Дар ниҳоди хеш бояд кушт тухми
Аҳриманро,
Дӯст бояд дошт инсону Худоро.
Мардуми муҳтоҷро, ҳар бенаворо,
Арҷ бояд дод ҳар дасти дуоро
Бозгашти мо ба даргоҳи Худовандии пок аст,
Ҷойгоҳи охирини мо ҳама домони хок аст.

Ин замон дар кӯчаҳои зиндагӣ
Пой мемонам ба сад дарду алам,
Дилнавозе ғайри шеърам нест-нест,
Роз гӯям бо қалам.

## АФСОНАИ ҶАВОНӢ

Имшаб, ки хоб гашт фирорӣ зи дидаам,
Ёди баҳори рафтаи умрам ба сар фитод.
Дидам зи дур даври ҷавонии хешро,
Аз сӯзи ишқи дӯш ба қалбам шарар фитод.

Дидам зи дур духтаре зебову нозанин
Дар ойина ба мавҷаи мӯ шона мезанад.
Ӯ ончунон зи олами ишқу шабоб маст,
Дилро ба сӯйи олами афсона мезанад.

Ҷӯяд зи кӯчаҳои хаёлоти дилфиреб,
Юсуфҷамоли покниҳоде ба сад ҳавас.
Аммо набуд дар нигаҳи интизори ӯ,
Шаҳзодаи хаёлии ӯ нест ҳеҷ кас.

Ҳар рӯз ошиқе харидор бо умед
Бар хостгориаш сӯйи хона меравад.
Ӯ лек ғарқи олами афсонаи худ аст,
Маҷнун куҷост, Лайлии девона меравад.

Рӯзе падар бигуфт: «Киро интизорӣ ту»?
Дигар маҷӯ ту ишқ, ки он ҷуз хаёл нест.
Ман аҳд кардаам, ту зи ҳарфам мапеч сар,
Гаҳворабахш ҳастӣ, дигар қилу қол нест.

Шуд баргузор тӯй, арӯс аст духтарак,
Чун Юсуфе ҳати шаҳи зебост дар бараш.
Аз олами фасона бурун мешавад, вале,
Бар бахти хеш ҳеҷ намеёд бовараш.

Имшаб, ки хоб гашт фирорӣ зи дидагон,
Дар кӯчаҳои ёди ҷавонӣ пиёдаам.
Дидам, чилум баҳор расида ба остон,
Аммо ҳанӯз ҳам зани нодону содаам.

# САРСОНИ ТАҚДИР

Зане дар кӯчаҳои зиндагӣ сарсони тақдир аст,
Ба бар навзоди ранҷуру ду-сетои дигар аз пай.
Гадоӣ мекунад, зор аст баҳри луқмаи ноне,
Вале ёраш ба мулки Рус дорад «Камри»-ю
«Ҳундай».

Ба рӯйи дасти зан ҷон меканад он кӯдаки бемор,
Куҷо дорую дармоне биҷӯяд моми нодораш?
Дар ин давре, ки пул боло зи қадри одамӣ гашта,
Падар раҳме надорад, эй Худо, бар тифлаки
зораш.

Ба дасти модараш ҷон дод охир тифлаки маъсум,
Бизад ханҷол зан бар ду рухони чун гули нораш:
«Худоё, ҷони ман гир, ин чӣ бадбахтӣ насиби
ман?!»
Вале гӯши фалак кай мешунид оҳи дили зораш.

Ту, эй номарди занбезору беномусу ишратҷӯ,
Ки бар тифлони хору зори худ раҳмат намеояд,
Намедонӣ азоби тифлакони бегуноҳи худ,
Туро з-ин умри бенангона, ҳаққо, марг мебояд!

# ТАМАННО

Дилам хоҳад чунон шеъре бигӯям,
Равону дилнишину шоирона.
Ки бо сеҳри каломи хуш биёрам
Азизи рафтаамро сӯйи хона.

Дилам хоҳад, ки шеъри нотамомам
Биёбад болу пар, нирӯи парвоз,
Ки ошиқ бо суруди ман бигӯяд
Ба ширинӣ канори дилбараш роз.

Дилам хоҳад, ки бошам Шаҳрзодат,
Бисозам қиссаю афсона оғоз.
Биё бар олами афсонаи ман,
Маро аз дарди танҳоӣ раҳо соз.

## ДАРДИ МОДАР

Ало, эй кӯдаки нозодаи ман,
Намехоҳам, ки ойӣ ту ба дунё.
Намехоҳам ба рӯйи саҳнаи дард
Ду чашми худ кушоӣ бар тамошо.

Намехоҳам барои пораи нон
Бубинӣ, ҷонаки ман, рӯйи хорӣ.
Бубинӣ, ки падарҷонат чӣ гуна
Равад бар шаҳри мардум мардикорӣ.

Намехоҳам чу кӯдакҳои дигар
Бишӯйӣ мошини шахсони пулдор.
Бимонӣ дур аз саҳни дабистон,
Нишинӣ зор дар як кунҷи бозор.

Ало, эй кӯдаки нозодаи ман,
Ту бигзар аз гуноҳи модари зор.
Намехоҳам, ки мисли мо ту ҳам низ
Шавӣ безори ҷон аз дасти озор.

## БИЁ, ЭЙ ЁР

Биё, эй он ки бе ту ман ғарибам,
Биё, як лаҳзае бо ёди ман шин.
Биё, ки меравад охир ҷавонӣ,
Биё, аз лолаҳои боғи ман чин.

Биё, ки ин сари шӯридаамро
Гузорам рӯйи китфони фарохат.
Биё, ки бишнавам савти дилатро,
Нигоҳам ғарқ гардад дар нигоҳат.

Биё, эй ёр, пазмони ту ҳастам,
Маҷӯ ғайри Суман ту ёри дигар.
Машав бозичаи дасти ҳавасҳо,
Ба ишқи поки ман покиза бингар.

## ОИЛАБЕЗОР

Дили бархе ба монанди шамол аст,
Зи пушти ҳар париӯе кашол аст.
Агарчи хонаи ободдорад,
Варо тарки чунин одат муҳол аст.

Даруни мошини зебо саворанд,
Ба сар парвои дунё ҳам надоранд.
Зи пушти духтарони содашайтон,
Ба аҳди хештан ноустуворанд.

Даруни хонаҳои тираи ғам
Занон побанди кори рӯзгоранд.
Магар, эй мардҳои хонабезор,
Занон бар истироҳат ҳақ надоранд?

Шумо, эй мардҳои хонабезор,
Шумо, эй булҳавасҳои сабукбор.
Намеарзед, оре, як сари мӯ,
Ба хоки пойи занҳои вафодор.

## ХУДРО МАСӮЗ, АЙ ХОҲАР

Чаро худро ту месӯзӣ, аё хоҳар?
Магар ҷони ту аз ин зиндагӣ сер аст?
Чаро бар худ ҷафо месозӣ, ай хоҳар?
Пушаймон мешавӣ охир, вале дер аст.

Хаёлат зиндагонӣ саҳлу осон аст?
Чӣ баҳри нокасе ту мешавӣ қурбон?
Гумонат, рӯзи маргат ӯ пушаймон аст,
Ки месӯзӣ ту андар оташи сӯзон.

Вале ман хуб донам булҳавасҳоро,
Ба марги ту намегирянд, ай нодон.
Зада бо фахр рӯйи сина мегӯянд:
Барои мо бишуд як нозанин қурбон!

Чаро худро ту месӯзӣ, аё хоҳар,
Дилат баҳри ҷавоният намесӯзад?
Ба қасди булҳавасҳо зиндагӣ бояд,
Ки ҳар як аз ту дарси ишқ омӯзад.

## АЛО, ЭЙ ШЕЪР

Ало, эй шеър, эй ишқи зани танҳо,
Чи туғён мекунӣ дар қалби зиндонӣ.
Ало, эй шеър, аё эй нурии покӣ,
Чи исён мекунӣ дар ҷони инсонӣ.

Биё, бо ман бишнав ҳамрозу ҳамовоз,
Дили лабрези дардамро ту дармонӣ.
Биё, сӯзандатар аз оташи Зардушт,
Биё, эй нури раббонӣ.

Биёву соз ҳамчун гул маро болон,
Биёву соз чун булбул маро нолон.
Бибар аз ҷони ман ин бенавоиро,
Бикун сози наворезам,
Ки то бар гардани маҳ
шаддае аз ашк овезам.

Биё, эй нури яздонӣ,
Дилам равшан бигардад,
Ҷони огоҳам шавад равшан,
Ба сӯйи хонаи дилҳо
Ҳаме роҳам равад равшан.

## ХАЁЛИ ХУШ

Имшаб, ки бози хоб паридаст аз сарам,
Зад нурии хаёли ту ангушт бар дарам.
Гаштам асиру боз нишастам ба ёди ту,
Дар осмони ёди ту ман боз мепарам.

Ин лаҳзаҳо нишастаӣ гӯё ба пеши ман,
Бар гесувони пуршиканам даст мебарӣ.
Хоҳам ба рӯйи синаат монам сари ҳавас,
Мастат кунам зи ишқу адоҳои дилбарӣ.

Резам тамоми дарду аламҳои хешро
Бар мақдами хуҷистаат, эй ҳусни рӯзгор.
Пеши ту арз созаму холӣ кунам дилам,
Бахшӣ ба сеҳри ҳарфи хушат бар дилам қарор.

Аммо ҳамепарад зи нав мурғи хаёли ту
Хомӯшу бесадо чу ҳумо боз аз сарам.
Ман монаму нигоҳи ду чашмони интизор,
Ман монаму хаёли туи рафта аз барам.

## ШОИРИ БЕДАФТАР

***Ба ёди устод Адҳам Авазӣ***

Боз бигзашт аз ҷаҳон як оқиле,
Шоире бедафтару девон гузашт.
Ёдгор аз одамӣ фарзанд ҳаст,
Лек ӯ, ҳайфо, ки пурармон гузашт.

Дар миёни хонаи танҳои хеш
Зист умре бо китобу дафтараш.
Ҳикмату андарз мегуфт аз адаб,
Умри худро карда сарфи кишвараш.

Хоксору оқилу мардона зист,
Дар миёни хона ӯ бе ҳамсараш.
Бо лабони хушк рафт аз ин ҷаҳон,
Лек аз ӯ монд ашъори тараш.

## ДАРДИ ҲИҶРОН

Чаро шаб кокулони қиргунаш
Ба сони зулфи ман созад парешон?
Чаро шаб ин қадар дилгир бошад,
Магар ӯ низ дорад доғи ҳиҷрон?

Чаро шаб хоб мегардад фирорӣ,
Зи чашмони мани хотирпарешон?
Нишаста бо хаёлат роз гӯям,
Чӣ душвор аст, ҷонам, дарди ҳиҷрон.

Биё, ки зиндагӣ марг аст бе ту,
Магар дорад шаби ҳиҷри ту поён?
Азизам, ин шаби торики дилро
Чу шамъе кош мекардӣ фурӯзон.

## ШАБ

Ба гӯши шаб чӣ мегӯйӣ ту, эй зан,
Ба гӯши марди бадхӯе, бадафъол.
Саропо ҷомаи мотам бипӯшад
Бигиряд гӯиё бар марги атфол.

Дар оғӯши шаби танҳои дилгир
Чӣ меҷӯйӣ аз ин рӯъёи ҳастӣ?
Намеёбӣ ба худ аз чӣ тасалло,
Умед андар раҳаш беҳуда бастӣ.

Биё, ки шаб шавад, инак, гурезон,
Сари хуро намон акнун ба бистар,
Магӯ бар гӯши шаб афсонаи ишқ,
Ки мурғи субҳ бонгаш мекунад сар.

## ДАР ИН ШАҲР

Дар ин шаҳри пур аз ғавғои маҳшар,
Занад мардум ҳама худро ба бозор.
Мане, ки ҷуз матои ғам надорам,
Барои дарди худ ҷӯям харидор.

Равам осемасар аз пушти рӯзӣ,
Надорам дар бисот арчи диноре.
Ба аҳли маърифат як пайсае нест,
Куҷо пайдо намоям ҷойи коре.

Маро, ки ёри ҳамдил рафта аз бар,
Сукунат карда дар кунҷи мазоре,
Худоё, дар вуҷудам сабр андоз,
Раҳо бинмоям аз озори хорӣ.

## ҲАСРАТ

***Илҳом аз Фурӯғи Фаррухзод***

Оҳ, эй марде, ки дар лабҳои ман
Он шарори бӯсаҳоят мурдаанд.
Оҳ, донистам, ки хубони дигар
Бӯсаҳоямро ба ғорат бурдаанд.

Ҳеҷ медонӣ, ки дар шабҳои тор,
Ишқи ту баҳрам чароғи равшан аст?
Ту кунун шамъӣ ба базми дигарон,
Дар дили ман доғи шамъат равшан аст.

Оҳ, эй марде, ки будӣ волаам,
Ошиқи шайдои дигар гаштаӣ,
Он ҳавасҳои дили нашкастаат,
Дар лабони дигаре бишкастаӣ.

Оҳ, эй марде, ки шабҳои дароз
Дар хаёли ту ба ҳасрат рӯз шуд,
Кай тавонам сар ба китфи ту ниҳам,
Сар пур аз савдою дил пурсӯз шуд.

Оҳ, эй марде, ки мастат кардааст
Бӯйи гулҳои гулистону чаман.
Бо рақибам айш меронӣ, вале
Кӯр месозад туро ишқи Суман.

## ЗАНИ ДЕВОНА

Зани девона мехонад рубоӣ,
Ба як оҳанги пур аз сӯзу дарде.
Варо марги писар девона карда,
Бигашта бехуду беёд фарде.

Зани девона ҳай меноладу бин,
Чӣ механданд бедардон ба ҳолаш!
Чӣ медонанд бедардон, ки чун кард
Шамоле решакан охир ниҳолаш!

Зани девона менолад зи қисмат,
Ки шаҳбози варо охир куҷо кард?
Асои даври пирияш куҷо шуд?
Кӣ охир дасти ӯро беасо кард?

Зани девона мехонад рубоӣ,
Бигирям аз алам бар ҳоли зораш.
Ки ман ҳам тифлаки худ кардаам гум,
Надонам дар куҷо бошад мазораш.

## БА ЁДИ ҚУДРАТ

Баҳорон мерасад бар деҳаи ман,
Вале дар деҳа холӣ ҷои Қудрат.
Тамоми мардуми мо фахр дорад
Ба ёди қаҳрамониҳои Қудрат.

Барои хидмати Модар-Ватан рафт,
Бишуд ӯ дастгири халқи афғон.
Вале дар як набарди сахту хунин,
Дареғо, сад дареғо, гашт қурбон.

Ҳамон рӯзе, ки Қудрат гашт қурбон,
Саросар деҳи мо мотамсаро буд.
Ба рӯйи кандаю мӯйи парешон
Ду дасти модараш сӯйи само буд:

«Худовандо, маро якто писар буд,
Будам ларзон ба ҳар як тори мӯяш.
Кунун бар роҳи кӣ ман дида дӯзам?
Намебинам, дареғо, рангу рӯяш.

Худовандо, ба ҷойи ӯ маро куш, –
Ба зорӣ нола мезад модари зор,–
Бирафт аз тан мадору қудрати ман,
Бароям зиндагӣ дигар чӣ даркор?»

Аё модар, фидои қалби зорат,
Ки парвардӣ чунин як қаҳрамонро.
Фидои дидагони интизорат,
Ҳамеша чашми чорӣ аскаронро!

Нагӯ, ки Қудрати ман нест дигар,
Бубин, ки номи худро ҷовидон кард.
Бимонад зиндаю ҷовид фарде,
Ки ҷонашро нисори одамон кард!

## БА ГӮШИ БОД

Кунун ҳам ишқи шеъру шоириро,
Набитвонам, ки берун созам аз сар.
Кунун ҳам бо хаёли ишқи ёрам
Қаламро мебарам бар рӯйи дафтар.

Қалам мегираму бар рӯйи дафтар
Нависам ҳасрату афғони дилро.
Ҳаметарсам, адӯи ман бихонад
Ба шодӣ оташи пинҳони дилро.

Адӯи ман, зи дарди ман машав шод,
Ки рӯзи ман наояд бар сари ту!
Биноли мисли ман, дар даст хома,
Набикшояд касе ҳаргиз дари ту!

Намедонам, дили ман ғарқи хун аст,
Ба гӯши бод мегӯям фасона.
Қалам мегираму менолам аз дард,
Надорам ҷуз қалам дигар дугона.

## ДУО

Чӣ донӣ ту, ки вақти зодани тифл
Азоби модари бечора чун аст.
Дар ин дунёи пуршуру шар имрӯз
Дили модар зи дарду ғусса хун аст.

Кунун ҳам мерасад аз деҳа ба гӯш
Садои модари дилхуни Қудрат.
Чу бинад аскареро, аз нав ояд
Ба ёдаш қомати мавзуни Қудрат.

Чу аскар мебаранд аз деҳаи мо,
Диламро хайли ғам орад фишоре.
Ниҳоли қомати модар шавад хам,
Худоё, аскаронро боз орӣ.

## БОЗ БОРОН

Боз борон мечакад дар нимашаб,
Аз самои тирарангι обрпӯш.
Ин шаби борон хобам мепарад,
Чак-чаки борон намефорад ба гӯш.

Боз борон мечакад дар нимашаб.
Дар кадомин гӯша меёбанд паноҳ
Мардикорӣ рафта фарзандони ман?
Рӯзу шаб чашмони чорам сӯйи роҳ.

Ин шаби борон шояд дар шимол
Барф meборад, ҳаво сард асту сард.
Барф мерӯбед шояд ин замон
Пеши пулдорон намуда ранг зард.

Эй Худо, дар Тоҷикистон, кошкӣ,
Мешудӣ пайдо ба мардум ҷойи кор.
То нагардад тоҷики мо дар ба дар,
То нарезад ашки чашми интизор.

## ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ, эй хиттаи дарду алам,
Пур зи шебу асту фароз ин роҳи ту.
Мекунам гум роҳу ҷӯям хешро,
То нафтам ногаҳон дар чоҳи ту.

Дар сари дуроҳаи қисмат манам,
Дар талоши зистан дорам набард.
Оҳу афғонам ба гардун мерасад,
Бо дили бишкаставу бо ранги зард.

Зиндагӣ, дар кӯчаҳои танги ту
Оҳ, ман оворaю бечораам.
Пешпо гаҳ мехурам дар роҳи умр,
Пофигор аз неши санги хораам.

Меравам дар кӯчаҳои зинагӣ,
Нест баргаште дигар сӯйи қафо.
Мерасон бар манзили мақсад маро,
Илтиҷо дорам ба даргоҳат, Худо.

## АФСОНА

Биё, афсона мегӯям бароят, тифли нодонам,
Ки дар он боз хоҳӣ дид, дидори падарҷонат.
Ки дар он мурдаҳо бо нӯшдорӯ зинда мегарданд,
Бимирам, тифлакам, дар он нигоҳи чашми
пажмонат.

Биё, бар олами афсонаҳои ман бишав ворид,
Ки он афсонаҳо аз олами пурдарди мо дуранд.
Ки дар он қиссаҳо одам расад бар коми дил осон,
Ки он афсонаҳо як олами зебои пурнуранд.

Ту дар афсона мебинӣ, ки бошад хонамон обод,
Ки дар он хонаи обод, ҷонам, шоду хандонӣ.
Навозиш мекунад дасти падарҷон мӯйи зебоят,
Ва дур аст он замон аз мо сияҳрӯзӣ, парешонӣ.

Дар оғӯши падар монӣ сари бедарду бепарво,
Мисоли гул шукуфон гардию бедарду ғам хандӣ.
Падар аз корояд, гарм баргирад туро оғӯш,
На чун имрӯз, ки чашмони ҳасрат сӯйи дар бандӣ.

Биё, афсона мегӯям, азизи дил, барои ту,
Ки то моро даме ин зиндагӣ афсонае тобад.
Чӣ бигзашт аз мани бебахт дар пеши Худовандӣ,
Падарро тифлакам аз олами афсона мекобад.

# БИМОН ДАР ШЕЪРИ МАН

Туро ҳар гаҳ ки бинам, шаҳсаворам,
Дучандон рағбати дил мешавад зӯр.
Дили ман мекашад сӯят бад-он сон,
Ки рӯбоҳе намояд қасди ангур.

Вале донам, ки андар олами кибр
Азизам, ҷойи ту тахти баланд аст.
Тасаллӣ медиҳам дилро, ки охир,
На ҳар кас лоиқи бахти баланд аст.

Ту, эй сабзинаи ман, шаҳсаворам,
Ки дорӣ зеби қасри орзуям,
Зи ҷамъи орзуҳоям ҳамин бас,
Ки андар шеъри худ васфи ту гӯям.

## ХОБИ БАД

Бигуфтӣ: «Хоб дидам, эй зан, имшаб,
Ба пушти аспи безине саворам.
Чӣ таъбирест хобамро, бигӯ ту,
Чӣ бошад сарнавишту рӯзгорам?»

Дилам ногаҳ тапид аз бими ин хоб,
Ки гӯянд: аспи безин аст тобут.
Бигуфтам: «Ту сафар дорӣ, азизам,
Шавӣ бодавлату баргардӣ хушнуд.

Вале дар дил бигуфтам: «Оҳ, шояд
Ғалат бошад чунин хоби зимистон,
Сафар дорад ба мулки Рус шояд,
Наход ин сон бимирад саҳлу осон.

Гирифтам дасти ӯро рӯйи дастам,
Ки бинам ман хати умри варо зуд.
Зи дасти чап бидидам хатти умраш,
Басе кӯтоҳу пур аз печухам буд.

Вале гуфтам, ки илми кафшиносӣ
Дурӯғ асту надорад ҳеҷ таъбир.
Сафар кардӣ ба мулки Рус, ҷонам,
Маро мондӣ ту дар чанголи тақдир.

Бигуфтӣ вақти рафтан: «Ин сафар ман
Намеистам ба мулки Рус бисёр.
Надорам тоқати дарди ғарибӣ,
Дилам хун гаштааст, эй ёр, эй ёр.

Биёям, мекунам ман тӯй, гуфтӣ,
Бикун хуш келини зебо барoят.
Биёрам ин сафар аз Маскави дур,
Барои тӯй, ҷоно, ҳадяҳоят.

Вале баъди ду моҳи интизорӣ,
Биёмад ҷисми беҷони ту бар дар.
Ҷаҳон торик шуд дар пеши рӯям,
Ки тӯйи хешро кардӣ чаро сар.

Аҷал аз пушти ту буду надидӣ,
Намудӣ то ба мурдан мардикорӣ.
Ба рӯйи дасти фарзандат бимурдӣ,
Ту дар мулки ғарибии интизорӣ.

Дигар бо чашми пурнам оҳ гӯям,
Ки ёри навҷавони ман куҷо шуд?
Маризи сактаи дил шуд ба ғурбат,
Ба захми тири қисмат мубтало шуд.

# ОҲ, УСТОД

***Ба ёди устодам Зайниддини Ҷомӣ***

Гуфта будӣ: «Мекунам дар шеър машҳурат,
То бидонанд:
Панҷро ҳам ҳаст ганҷе».
Гуфта будӣ:
«Мебарам шеъри туро то дурии дур»,
Оҳ, устод,
Баҳри шогирдон кашидӣ дарду ранҷе.
Бехабар будем мо аз сарнавишт,
Марги новақтат буда андар камин.
Чанг зад бар ҷони ширинат, Худоё,
Гаштӣ устоди азизам, оҳ, ҳамсони замин.
Бе ҳузурат Панҷи мо пурмотам аст,
Талх мегиряд дигар ин хома андар сӯзи ту.
Оҳ, донистам, чаро Мавлои Рум
Дар азои Шамси Табрез,
Нола мекард ин қадар зору низор.
Талх буда марги устод ҳамчунон марги падар,
Оҳ, устод, аз дилам хезад ҳарзорон
дарду фарёд,
Ташнаи дидори модар баски будӣ,
Васфи модар месурудӣ.
Ғуссаи бемодарият шоират кард,
Соҳиби шеъри тарат кард.

Панҷи мо пурганҷу аммо
Қадри шоирҳои ҳассонаш кам аст,
Қадри мансабдору пулдор аст афзун,
Қути шоир дар ҳама давру замон
дарду ғам аст.
Оҳ, эй устоди ғамхор,
Мегиристӣ баҳри Бозор,
Аз барои шоири дуру ғариб.
Нури чашми хешро барбод додӣ,
Будӣ инсони дилогоҳу наҷиб.
Оҳ, устод,
Бе ҳузурат Панҷи мо беганҷу холист.
Шоире чун ту дилогоҳ
Дар диёри Панҷи мо нест.

# ШОИР

Шоиро,
Эй ошиқи нокоми маҳрум аз висол,
Мубталои дарду доғи рӯзгор.
Гарчи дасти зиндагӣ ҳар лаҳза
бидҳад гӯшмол,
Гарчи санги рӯзгорон оядат ҳар лаҳза бар сар,
Боз ҳам ошиқ бимонӣ ту
ба марзу буми кишвар.
Гарчи мебинӣ хиёнат,
Гарчи мебинӣ разолат,
Гарчи сангин аст умре рӯзгорат,
Гарчи номардон бисозандат залилу поймол,
Лек бо лаҳни равонат,
Мекунӣ рӯпӯш вазъи ҳоли зорат.
Оҳ шоир, ошиқи шеъру ғазал,
Ошиқи рӯйи накӯи дилбарон.
Сеҳр мерезад зи ҳарфат,
Мекунӣ тасхир қалби одамонро.
Гарчи дасти зиндагӣ кам сила месозад сарат,
Гарчи ту сарват надорӣ,
Ҳастӣ сарватманд бо шеъри тарат.
Орзуят сулҳу истиқлоли халқу кишварат.
Оҳ шоир,
Ҳастиат ишқ аст, охир!

* * *

***Ба ёди устод Зайниддини Ҷомӣ***

Бирафтию зи маргат аз дилам фарёд мехезад,
Ғиреву нолаву дарду алам созад гулӯгирам.
Куҷой, булбули шӯрида, эй Ҷомии хушгуфтор,
Дар иншои сухан дигар киро устод мегирам.

Дигар дарди дили худро ба пеши кӣ кунам иброз?
Маро мисли бародар будию ман хоҳарат будам.
Хушо, ҳай шеър мехондӣ зи ашъори дилангезат
Ба ман, ки волаи ҳар мисраи шеъри тарат будам.

Дигар аз шеъри шогирдон кӣ созад сактаҳоро дур,
Ки бе устод будан маҳфили моро гарон омад.
Дигар аз хомаҳои мо садои дард меояд,
Ба бустони «Шукуфа»*, сад дареғ,
акнун хазон омад.

---

* «Шукуфа» – маҳфили адабӣ дар ноҳияи Панҷ, ки ба он шоири зиндаёд Зайниддини Ҷомӣ сарварӣ мекард.

## ИН БАҲОР

Ку ҳамон Ҷомии мо, он ки чу як булбули зор
Ба гулистони сухан шеъру ғазалхон бошад.
Маст гардад зи гулу лолаву насрини баҳор,
Ҷом гирад ба кафу шод суханрон бошад.

Панҷ имсол дигар накҳати дӯшина надошт,
Сайри Наврӯз накардам ба қатори дигарон.
Марги устод, ки бишкаст пари парвозам,
Зард шуд ранги Суман аз ғаму андӯҳи гарон.

## БИЁ, ФАСОНА БИГӮ

Биё, барои дили хастаам фасона бигӯ,
Ки ман ба гӯшаи узлат заифу беморам.
Само басе баланд асту ин замин сахт аст,
Биё, дилам бифиреб,
К-аз талхии ҳаҷри ту афгорам.

Баҳор чандон ки мекунад афсунам,
Намекунад, валек мафтунам.
Хамидақомату сархам
Чу беди маҷнунам.
Биё, барои таскини дилам яке фасона бигӯ,
Ки олами фасона фанди ширин аст.
Барои хотири ин дил, ки сахт бемор аст,
Фасонаҳои дурӯғат суруди таскин аст.

## ДАР ОЛАМИ ХАЁЛ

Дар олами хаёл бароям суроғи ту,
Шаҳзодаи азизи парастандаи дилам.
Боз о, сукути тираи шабҳо ба ҳам бизан,
Боз о, ки пойбастаи савдои мушкилам.

Як зумрае, ки фаҳми суханро намеравад,
Лабханд мезанад ба ман аз гӯшаҳои дур.
Кай нағмаҳои кабк хуш ояд ба гӯши зоғ,
Бебаҳра з-олам аст, дареғо, нигоҳи кӯр.

Шаҳзодаи азизи дили хастаам, биё,
Саҳрои қалб ташналаби оби раҳмат аст.
Эй кӯрдил, ки бар дили ман санг мезанӣ,
Афсона нест ишқи дили ман, ҳақиқат аст.

Дар олами хаёл бароям суроғи ту,
Шаҳзодаи азизи парастандаи дилам.
Чандест бар саройи дилам сар намезанӣ,
Боз о, ки пойбастаи савдои мушкилам.

# МЕРАВАМ

Меравам бехуд ба он роҳе, ки шаҳроҳи ман аст.
Сӯйи он роҳе, ки ҷойи сайри дилхоҳи ман аст.
Меравам аз пушти қалбу ақл мегӯяд: «Марав!»
Ӯ ба ҷон аз ҷабри зулми қалби худхоҳи ман аст.

Дил намехоҳад, ки бинад як назар дидори ӯ,
Бар ниҳоли қомати ӯ садқаву қурбон шавад.
Ақл мегӯяд: «Марезон абрӯйи хешро,
Ишқро ифшо макун, ки қиссаву дастон шавад».

Меравам аз пушти дил, ду пой дар занҷири ақл,
Мурғаки дил аз қафас худро ба берун мезанад.
Оҳ, метарсам, ки ишқи солҳо зиндониам,
Лайлиосо хешро бар шаҳри Маҷнун мезанад.

## РАВЗАНИ ХОТИР

Ҳар замон бар шишаи хотир занӣ ангушти ёд,
Боз дилро мебарӣ бар олами рӯъёи дур.
Эй бадеъу ноб шеъри то кунун ногуфтаам,
Эй, шаҳаншоҳи дили ман, ҳокими қасри булӯр.

Боз мафтуни ту мегардад дили девонаам,
Ишқи ту дунёи дилро бас гулистон кардааст.
Имшаб аз баҳри дили худ шеъри нав хоҳам, вале
Мурғи илҳоми маро, ё Раб, кӣ зиндон кардааст?

Эй парии шеър, аз дурӣ кунӣ дилро садо,
Дасту пойи ман, намебинӣ, ки охир, бастаанд.
Кӯрдилҳое, ки дуранд аз раҳи дил-огаҳӣ
Ин дили зебопарастамро чӣ сон бишкастаанд.

Ҳар замон бар равзани хотир занӣ ангушти ёд,
Қалби маҳзуни маро, эй он, ки мебахшӣ даво.
Дар хиёбони дили ман тозагулҳои таранд,
Хорҳоро баркан аз пайроҳаи ман, эй Худо!

## ИШҚИ ТУ

Ишқи ту шуд раҳнамо бар гуфтани шеъри навам,
Ёди ту водоштам, то ман ба каф гирам қалам.
Хома бар каф, барнигорам қиссаҳо аз ишқи ту,
То ту ёбӣ огаҳӣ аз шӯру исёни дилам.

Гарчи наздики дилӣ, аз чашм дурӣ ин қадар,
Ман туро хоҳам, ки бинам боз сад бори дигар.
Бо ту мехоҳам, ки бошам ҳамқадам дар зиндагӣ,
Эй азизам, бо қудумат кун диламро шуълавар.

Дӯстӣ сарҳад надорад, ту намедонӣ магар,
Сарҳади дилҳои моро ишқ пайвандад магар.
Ту биё бар хонаи дил, меҳмони ҷон бишав,
Ки намехоҳад дили ман ғайри ту ёри дигар.

# ҒАЗАЛИЁТ

* * *

Ба оҳанги шамоли тунд бин рақси дарахтонро,
Ки меорад ба ёди ман дили аз ишқ ларзонро.

Биронад боди саркаш тӯдаи абри саморо дур,
Ки то созад намоён чеҳраи хуршеди тобонро.

Худовандо, зимоми боди саркашро бигир, охир,
Ки барҳам мезанад ин маст бо тундӣ гулистонро.

Яке рӯйи фалак овар ба ҳукми хеш абреро,
Ки резад бар замини ташналаб дурҳои боронро.

Хаёламро барад ин боди ҳарҷойӣ ба шаҳре дур,
Назар дӯзам ба умқи зиндагӣ чашмони ҳайронро.

Худовандо, ба даргоҳат ҳазорон саҷда меорам,
Ба лутфе кун муяссар аз бароям дасти имконро.

* * *

Агар бошад туро ҳиммат, биҷӯ маънои олиро,
Макун бе дард иншо ҳарзаҳои хушку холиро.

Чу дарду ҳимматат набвад, чӣ суд аз лофи қофу ту,
Чу курмак бе таҳаммул паст манмо қадри шолиро.

Агар ошиқ набошӣ, аз ҳавасбозӣ кучо донӣ
Чу Маҷнун дар ғами Лайлӣ ба саҳро синамолиро?

Сухан чун гавҳари пурқимате дар баҳр нопайдост,
Биҷӯ аз баҳри маънӣ гавҳари шаҳвори олиро.

Зи дасти рӯзгори хеш дорӣ шикваҳо то чанд?
Зи шеъри худ бурун кун шикваю бечораолиро.

Агар хоҳӣ, ки ёбӣ аз гулистони сухан бӯе,
Намо андар ғазал сармашқ ашъори Ҳилолиро.

* * *

Баҳор асту булбул ба гул ҳамнишин аст,
Чаман дар нигоҳам аҷаб дилнишин аст.

Насиме биёрад чу атри гули ёс,
Баҳореву даври гули ёсамин аст.

Муғаннӣ, навое бикун сар, ки имрӯз
Ҷаҳон дар нигоҳам чи сеҳрофарин аст.

Бигирам қалам бо хаёли азизе,
Ки ашъори ёдаш маро беҳтарин аст.

Сумангул, ки рӯят ба ранги баҳор аст,
Саро, ҳар сурудат беҳ аз ангубин аст.

* * *

Ин хона, ки шодӣ-ш дигар сар задааст,
Сад лашкари ғам ҳаво-ш чодар задааст.

Бе дасти муҳаббати ту, эй маҳрами дил,
Уммед зи бунёди дилам пар задааст.

Фарёд зи дасти фалаки арбадаҷӯ,
Сад санги ҷафову ҷабр бар сар задааст.

Саъд аст ҳама ситораи аҳли назар,
Наҳсияти кӣ ба моҳу ахтар задааст?

Эй зан, ту забони шиква макшой дигар
К-андар дили ту замона ханҷар задааст.

* * *

Эй дили ман, ҳастӣ хуш мафтуну шайдои сухан,
Шона месозӣ ҳаме гесӯи Лайлои сухан.

Гар ба саҳрои дилат ишқи ҷигарсӯзе набуд,
Кай задӣ худро ба сӯйи мавҷи дарёи сухан.

Гар чу булбул ошиқи гулҳои зебо нестӣ,
Бар машомат мерасад кай атри гулҳои сухан.

Гар надорӣ аз дили сӯзони аҳли дил хабар,
Кай расӣ бар фаҳми маъниҳои волои сухан.

Эй Суман, гар ошиқ астӣ, ошиқи шеъру ғазал,
Мерасад шеъри ту охир бар Сурайёи сухан.

* * *

Чаро айни ҷавониям нагардидӣ дучори ман,
Гадои ишқи ту будам, нагаштӣ Шаҳриёри ман.

Зи роҳи омаданҳоят нигоҳи хеш баркандам,
Насиби дигаре гашт, эй азизам, навбаҳори ман.

Суроғамро чӣ меҷӯйӣ зи дуриҳо дигар, эй дӯст,
Ки қисмат заҳр гардонид шаҳди рӯзгори ман.

Умеди зистан дигар намебинам ба танҳоӣ,
Гияҳ пӯшид дигар роҳи хушки интизори ман.

Дигар, эй дӯст, аҳволи парешонам чӣ мепурсӣ,
Дару девори вайронам бигиряд зор-зори ман.

* * *

То ба кай, эй қалби ман, ғавғои маҳшар мекунӣ,
Гӯши оламро зи оҳу нолаат кар мекунӣ?

Ҳар замон пандат диҳам: аз ишқи худ дигар
манол,
Сели дарёро зи наргис бар рухам ҷар мекунӣ.

То ба кай чун бутпарастон саҷда орӣ бар ҳаҷар,
Санги беҳисро ба қалби худ баробар мекунӣ.

Баҳри оне, ки надонад қадри қалби нозукат,
Хешро хори раҳи ёри ситамгар мекунӣ.

Ин сари савдои худро дар бало меафканӣ,
Бо рақибон ҷанги бехун бори дигар мекунӣ.

Эй Суман, ҳар гаҳ бигӯйӣ дарди дилро бо қалам,
Рӯйи коғазро зи ашки хомаат тар мекунӣ.

* * *

Ман тоҷикаму тоҷи каёнӣ ба сарам нест,
Ҷуз ганҷи сухан давлату ганҷи дигарам нест.

Ман шефтаи сарвату зар менашавам ҳеҷ,
Ҷуз ганҷи сухан ганҷи дигар дар назарам нест.

Дурри ҳунар осон ба кафам гарчи наёмад,
Чашми ҳасаде ҷониби аҳли ҳунарам нест.

Дар васфи Ватан булбулаки нағмасароям,
Ҷуз меҳри Ватан ишқи дигар болу парам нест.

Ман модараму бори гарон аст ба дӯшам,
Ҷуз сидқу вафо, меҳру муҳаббат сипарам нест.

Эй миллати тоҷики парешоншуда, боз ой,
Ҷуз дарди ғарибии ту дарди дигарам нест.

* * *

Азизи дил, кучоӣ, бе ту ман як ҷисми бечонам,
Ба асл инсони беҷурму вале маҳкуми зиндонам.

Ҷаҳон бе ту чи беранг аст дар чашмони маҳзунам,
Ки бе хуршеди рӯйи ту бувад сармо баҳоронам.

Ту эй волоназар, кай мекунӣ ёди гирифторон,
Маро ҳаргиз намеорӣ ба ёди хеш, медонам.

Ту чун зеботарин шеърӣ, ки мегардӣ ба дил пайдо,
Вале ман дар баёни маънии воло-ш дармонам.

Ту он чобуктарин фардӣ, ки дил бурдӣ
зи дасти ман,
Мани бедил дар ин паскӯчаҳои ишқ ҳайронам.

* * *

Рафтию сӯхт з-оташи ҳаҷри ту пайкарам,
Омад фироқи рӯйи ту чун дард бар сарам.

Дарди дили маризи маро нест марҳаме,
Ҷуз панҷаи шамол накӯбад касе дарам.

Оҳ, эй Худо, азизи маро бурдаӣ куҷо,
Бемуттако шабеҳаи як мурғи бепарам.

Чашмам ба роҳ дӯзаму донам, ки ёр нест,
Рафтаст аз ҷаҳону намеёд боварам.

Як ҳамдаме, ки маҳрами розам бувад, куҷост?
Дарди дилам чу хоб лаби об мебарам.

То ки рақиб шод нагардад зи ашки ман,
Шӯям ба оби ҷӯй, Суман, дидаи тарам.

* * *

Афтодаам чу дар паси девори зиндагӣ,
Бар дӯши нозукам бикашам бори зиндагӣ.

Ҳарчанд бори умр ба зан ҳаст бас гарон,
Бояд ки мардсон бикашам бори зиндагӣ.

Ман он гулам, ки дасти навозиш надидаам,
Қисмат намуда ҳамнафасам хори зиндагӣ.

Зарданд заъфаронсифат ин ду рухони ман,
Аз ғуссаҳои андаку бисёри зиндагӣ.

Баъзе занон ба роҳи хато мераванд, ҳайф,
Ночор мешаванд гунаҳкори зиндагӣ.

Оҳ, эй Суман, бимиру марав бо раҳи хато,
Бинӣ ҳазорҳо агар озори зиндагӣ.

* * *

Дар фақр уфтодааму дам намезанам,
Худро ба пеши нокасу кас кам намезанам.

Ман бандаи қаноатам аз ними нони хеш,
Дасти тамаъ ба ҳиммати Ҳотам намезанам.

Гар такягоҳи ман набувад дар ҷаҳон касе,
Пеши рақиб нолаи мотам намезанам.

Донам, ки зиндагӣ накунад бар касе вафо,
Беҳуда хешро ба дари ғам намезанам.

Султони вақф гар назаре сӯйи ман кунад,
Ман сар ба пеши шаҳнаву шаҳ хам намезанам.

Мансурвор гар бибарандам ба зери дор,
Дам бар дарун ниҳода дигар дам намезанам.

* * *

Ту ҳамон азизи дурӣ, ки суроғи мо наойӣ,
Ту ҳамон суруди хубӣ, ки сари наво наойӣ.

Ту ҳамон гиреҳи мушкил, ки кушоданаш надонам,
Туӣ он Хизир, валекин зи пайи даво наойӣ.

Ту ҳамон нуҳуфтарозӣ, ки ба маҳди дил бихуфта,
Ки бисӯзӣ арчи ҷонам, ба забони мо наойӣ.

Ту ҳамон нигоҳи гармӣ, ки зи ишқ гирад оғоз,
Ки чу ошиқи ҳавасбоз сари вафо наойӣ.

Ба мисоли Шаҳрзодам, ки ҳазор қисса гуфтам,
Ту чу Шаҳзамони золим, сари қатлҷо наойӣ.

Туӣ он фиреби ширин, ки ба ном зиндагонист,
Манам он як аз ҳазорон, ки ба коми мо наойӣ.

* * *

Рӯз охир гашту ёри ман наёмад дар барам,
Оташи сӯзон кашид оғӯш симин пайкарам.

Фикри ҷонсӯзе бизад бар сар, ки рафтӣ сӯйи ғайр,
Мавҷи селобе гирифтӣ рӯйи сарбарги тарам.

Чашми ту имшаб ба рӯйи ғайр медӯзад назар,
Чашми ман бар дар, ки ҳоло боз бинмойӣ дарам.

Аз лабони ғайр нӯшӣ бӯсаҳои бардавом,
Ман лабони ташнаро бар шишаи май мебарам.

Эй, ки кардӣ айши ширини Суманро талху шӯр,
Булҳавас будию кардӣ ҳамнишини соғарам.

* * *

Ёри ман ҳамчун насиме рафт бар сӯйи дигар,
То бисозад силаҳо ба сунбули мӯйи дигар.

Рӯйи садбарги тарам пажмурд аз озори ӯ,
Мисли занбӯри асал рафт аз пайи бӯйи дигар.

Дар фироқаш гиряҳо кардам чу абри навбаҳор,
Тундаросо боз ҳам бигрифт ӯ хӯйи дигар.

Абролуда бидидам осмони қалби ӯ,
Рехт борони муҳаббат бар сари кӯйи дигар.

Гесувонамро мисоли гул ҳамебӯйид ӯ,
Маст мегардад, дареғ, аз атри гесӯйи дигар.

Саҷда мекардо, Сумангул, ёри ту бар мақдамат,
Саҷда меорад кунун бар пойи хушрӯйи дигар.

* * *

Тарк бигӯйӣ бе сухан ин зани бепаноҳро,
Ҳайф бидонӣ то ба кай бар рухи мо нигоҳро.

Шиква ба пеши кӣ барам аз ситаму ҷафои ту,
Гӯш чаро намекунӣ дилбари бегуноҳро.

Ҳамчу насими сарбароҳ ҷониби ҳар гуле равӣ,
Аз паси ту ҳамеравам пойи пиёда роҳро.

Хонаи беғами дигар даври лаби ақиқ нест,
Сурма барои кӣ занам дидаи хушнигоҳро.

Гирди умеди барабас хешфиребӣ то ба кай?
Гавҳари ашк мебарад оби рухи чу моҳро.

Оҳ, Суман, ғами фироқ мӯйи сарат сафед кард,
Тарк намойӣ дилкашол олами дилсиёҳро.

* * *

Мард агар таркат кунад, номард пайдо мешавад,
Захми сӯзон дар дили бедард кай ҷо мешавад.

Сурхии рӯят бигардад зард мисли заъфарон,
Нақши чин дар чеҳраи сурӣ ҳувайдо мешавад.

Мекунад маънии худро зиндагонӣ муфт гум
Лаҳзае, ки ёри ту ёри дигарҳо мешавад.

Заҳр мегардад ба комат шарбату шаҳду асал,
Тан даруни пираҳан чун дар кафан ҷо мешавад.

Мегурезӣ аз нигоҳи пурсуоли одамон,
Кай дили аз ғам фигори ту мудово мешавад.

Чун Суман бо хомаат бинвис ҳоли хешро,
Аз забони хома шеъри дард иншо мешавад.

* * *

Биё, азизи дили рафта аз фасонаи ман,
Биё, ки бе ту накӯ нест як таронаи ман.

Биёву бо нигаҳи гарм чун гули бодом,
Ҷаҳони нур барафшон бар ошёнаи ман.

Агар ки ишқ набошад, ҷаҳон чи беранг аст,
Набошад оташи сӯзон ба ҳар таронаи ман.

Биё, ки ошиқи рӯйи чу навбаҳори туам,
Биё ба мулки хаёлоти ошиқонаи ман.

Биё ту, ёри хаёлӣ, ки орзуи манӣ,
Биёву такя бизан бар сутуни хонаи ман.

Ки боз аз қадамат гарм гардад ин дили сард,
Ва майли шеър кунад қалби пурфасонаи ман.

* * *

Рафтем, баски танг бишуд саҳни кори мо,
Қадри сухан намонд, бирафт эътибори мо.

Баски миёни оташу обе бимонд дил,
Рафтем, то ки шуъла нагардад шарори мо.

Эй он, ки лофи ишқ занӣ, ҳарзаҳо магӯ,
Дер омадӣ, бирав, ки бишуд* навбаҳори мо.

Бошад рақиб пушти сару санг дар бағал,
Хоҳад занад ба санг сари пурхумори мо.

Рафтан агарчи талх бувад, меравӣ, Суман,
Аз гулшани адабгаҳи доимбаҳори мо.

* Бишуд – ин ҷо ба маънои *бирафт*

# РУБОИЁТ

Ин абр саморо чӣ сиёҳпӯш намуд,
Рафтию ғамат ҳастиям оғӯш намуд.
Мардум ҳама хобу хоби ман гашт ҳаром,
Парвин ба само дарди дилам гӯш намуд.

Эй ёр, дилам хазинаи ғам кардӣ,
Чашмони маро зи ҳаҷр пурнам кардӣ.
Бигзашт ҳаёти ман ба сад дарду алам,
Рафтию маро ба шеър ҳамдам кардӣ.

Эй он, ки дилу забони шайтон дорӣ,
Кай ту назаре ба қалби инсон дорӣ.
Бо ҳарфи бадат дилам намудӣ захмӣ,
Кай дар сари худ хаёли дармон дорӣ.

Эй дӯст, биё, ки хаставу дилгирам,
Дармонда кунун ба қабзаи тақдирам.
Бо як сари тоқ интизори раҳи ту,
Таъхир макун, ки аз ғамат мемирам.

Ишқи ту маро шоири девона намуд,
Савдои туям зи ақл бегона намуд.
Лекин ту шудӣ волаи ишқи дигаре,
Оташ ба танӯри сарди дил хона намуд.

Эй ёраки пулпарасти савдогари ман,
Эй боиси нохушиву чашми тари ман.
Рӯзе бикушӣ маро ту аз раҳпойӣ,
Ёри дигаре нагир баъди сари ман.

Бар дӯши қалам бори ғаму дарди ман аст,
Бар дӯши қалам оҳи дили сарди ман аст.
Гӯянд: «Суман, шеъри ту сеҳре дорад»,
Сеҳри суханам қисмати номарди ман аст.

Дар каф қаламу ёди ту дар сар дорам,
Васфи рухи ту ба рӯйи дафтар дорам.
Ту ҷойи дигар чашми ҳавас об диҳӣ,
Ман ғуссаи ту ҳамеша дар бар дорам.

Эй дида, назар ба сӯйи ӯ кардӣ, чаро?
Дилро ту асири кӯйи ӯ кардӣ, чаро?
Эй дида, бигӯянд, ки ту дарёӣ,
Худро ту равон ба ҷӯйи ӯ кардӣ, чаро?

Чашмони сияҳ дорию абрӯйи камон,
Дар мардумаки дидаи ман хона бимон.
Донам, ки касе ба дида ҷоят накунад,
Беҳуда чаро равӣ ба пеши дигарон?

Дар чашми сиёҳат гули шабнам дидам,
Дар рӯйи базебат асари ғам дидам.
Ту ёри дигар дорию ёдам накунӣ,
Чашми ҳавасат ба сӯйи худ кам дидам.

Ҳар лаҳза, ки маст мебиёӣ ба барам,
Бо сеҳр ба асрори дилат даст барам.
Ту мастию бе парда сухан мегӯйӣ,
Фардо ту панаҳ биҷӯйӣ аз чашми тарам.

Зад зиндагӣ бо санги гаронаш ба сарам,
То нек ба чашми зиндагонӣ нигарам.
Ҳамқисмати ман марди дурӯ карду бигуфт:
Бингар, ки касе вафо надорад, ҷигарам.

Дар ҷодаи алҷабр гадоям, ёрон,
Хиҷлатзадаи ҳарфи хатоям, ёрон.
Ман масъалаи решамураббаъ ҳастам,
Аз дохили реша чун бароям, ёрон?

Умр аст равон, ту ҷамъ сарват дорӣ,
Бас ҳотамӣ аз кисаи давлат дорӣ.
Ту манфиати хеш бубинӣ танҳо,
Дар минбарҳо лофи ҳақиқат дорӣ.

Сардор, бубин, такя ба хешон дорад,
Бехеш, бубин, ҳоли парешон дорад.
Давлат ба сари касе, ки сарвар хешаш,
Бедавлат, бин, ки оҳу афғон дорад.

Имрӯз, хушо, ки соқии анҷуманам,
Ҳуши ҳамаро рабуда сеҳри суханам.
Бар каф қадаҳу шеър ба лаб, меҳр ба дил,
Тарсам, ки мабод ҷоми қалбе шиканам.

# МУНДАРИҶА

Ҷашни Истиқлол ............................................ 3
Ваҳдати моро нигаҳ дор, эй Худо ................... 4
Модар ............................................................ 5
Дуои модар .................................................... 5
Падар ............................................................. 6
Ёди кӯдакӣ .................................................... 7
Нидои қарнҳо ................................................ 9
Ба ёди устод Лоиқ ........................................ 11
Нишон ........................................................... 12
Бирез, борон................................................. 13
Аё эй мисраи ногуфтаи ман .......................... 14
Барои тифлакони худ падар бош .................. 15
Шоми баҳорӣ................................................. 16
Тилфони ёд ................................................... 17
Боздид ........................................................... 18
Қадри шоир.................................................... 19
Кош................................................................ 20
Эй шеъри ман ............................................... 21
Андӯҳ ............................................................ 22
Миёни хилвати шабҳо .................................. 24
Як назаре....................................................... 25
Фасли хазон .................................................. 26
Тирамоҳ......................................................... 27
Хоҳиш ........................................................... 28
Дигар тарона магӯ......................................... 29
Қалам............................................................. 30
Эй дил............................................................ 31
Хонаи вайрон................................................. 32
Роз гӯям бо қалам.......................................... 33
Афсонаи ҷавонӣ ............................................ 35
Сарсони тақдир ............................................. 37

Таманно ........................................................38
Дарди модар ....................................................39
Биё, эй ёр .........................................................40
Оилабезор ........................................................41
Худро масӯз, ай хоҳар ......................................42
Ало, эй шеър ....................................................43
Хаёли хуш .........................................................44
Шоири бедафтар ..............................................45
Дарди ҳиҷрон ...................................................46
Шаб ...................................................................47
Дар ин шаҳр .....................................................48
Ҳасрат ...............................................................49
Зани девона ......................................................50
Ба ёди Қудрат ...................................................51
Ба гӯши бод ......................................................53
Дуо ....................................................................54
Боз борон .........................................................55
Зиндагӣ .............................................................56
Афсона .............................................................57
Бимон дар шеъри ман ......................................58
Хоби бад ...........................................................59
Оҳ, устод...........................................................61
Шоир.................................................................63
Ба ёди устод Зайниддини Ҷомӣ ......................64
Ин баҳор ...........................................................65
Биё, фасона бигӯ ..............................................66
Дар олами хаёл ................................................67
Меравам............................................................68
Равзани хотир....................................................69
Ишқи ту ............................................................70
ҒАЗАЛИЁТ .......................................................71
РУБОИЁТ .........................................................90

# Сумангул

## НИГАҲИ ГАРМ

*(Маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Фарҳоди Раҳмон*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азизи Қурбон*

Ба матбаа 26.11.2013 супорида шуд.
Чопаш 28.11.2013 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 6,0. Адади нашр 1000 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Суханвар» ба табъ расидааст.